# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмии рисолаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ».**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна доир ба мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», ҷорӣ намудани таҳқиқоти илмӣ, пеш аз ҳама ин дар мадди аввал ҷавобан ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Солҳои омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, даққиқ ва риёзӣ-дар соҳаи илму маориф» таваҷҷӯҳи хос равона намудан мебошад.

Паҳлуи дигари мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва бо асосҳои методии татбиқӣ он дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти касбии Тоҷикистон, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида пажуҳиши илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст.

Унвонҷӯ Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна хатмкардаи факултети химия ва биологияи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»-ро дар соли 2020 аз руйи ихтисоси химия ва биология мебошад. Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна соли 2025 зинаи докторантураро аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа PhD доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 –

Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ)-ро дар назди кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии ДДБ ба номи Носири Хусрав бомуваффақият хатм намудааст.

Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна муаллифи 14 интишороти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва конференсияҳои мухталиф ба нашр расонидааст.

Кори диссертатсионии Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна доир ба мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», аз муқаддима, ихтисораҳо 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрами мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** – «Асосҳои назариявиӣ ва метододогӣ дар ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳамчун заминаи рушди малака ва қобилияти эҷодӣ ва касбии онҳо» ном дошта, мазмуну муҳтавои он дар чор зербоб инъикос ёфтааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** – «Мазмуну мундариҷаи ташаккул додани салоҳияти мустақилият дар донишҷӯён ҳини раванди рушди қобилияти эҷодиашон» ном дошта аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия** бо номи «Асосҳои методии вусъатбахшии салоҳияти мустақилияти донишҷӯён дар рушди қобилияти эҷодӣ зимни бурдани таҳқиқ, озмоиш ва таҷриба», аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ дар ҳаҷми бандҳои алоҳида хулоса ва тавсияҳо ҷамъбаст гадидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд,

Чуноне, ки муаллиф дар мавзуи таҳқиқ бештар такя ба уҳдадориҳои имрӯзаи дар назди омӯзгор гузоштаи Ҳукумати кишвар намуда ва таъкид менамояд, ки ҷиҳати рушди қобилияти касбиаш ӯ ҷиҳати иҷрои бандҳои поёнзикр вазифадор аст, ки:

• таълимро дар муассисаи таълимӣ ҳамчун низоми рӯ ба тараққӣ ташкил намуда, барои ин беҳтарин вариантҳои ташаккули раванди педагогиро интихоб намуда, натиҷаҳои эҳтимолии татбиқи онҳоро бо назардошти шароити тағйирёбандаи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва умумиҷамъиятӣ ва тарбияи пешгӯйикунанда ба роҳ монад;

• ба кори хеш низом бахшида, дар асоси он методикаи таълими муосири фанниро ташаккул диҳад;

• худомузиро ҳамчун шакли такмили доимии касбӣ ва худтакмилдиҳӣ, инчунин, худташкилкунӣ, инъикос ва худидоракунии фаъолияти муосири касбии худ, ба роҳ монад;

• таҷрибаи илм ва амалияи педагогиро на танҳо истифода барад, балки аз доираи фаъолияти меъёрӣ берун баромада, ба он навигариҳои муосиру самарабахш ҷорӣ намояд;

• дар асоси муқаррароти бунёдии педагогика, психология, акмеология ва усулҳои таълими фаннии муосир ба фаъолияти эҷодкорӣ ва рушди қобилияти муҳассилин мусоидат намояд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи доктори фалсафа PhD доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ), Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ва Датурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Номзади илмҳои химия,
дотсентии кафедраи
химияи умумӣ ва ғайриорганикии
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Хайрзода Ашурали Гургак
« 30 » 12 соли 2025

Суроға: индекс, 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Бохтар, кучаи Айнӣ 67
Тел.:(+992-37) 985019556
E-mail:hairzoda@bkmail.ru

Имзои Хайрзода Ашурали Гургак -ро тасдиқ мекунам:
сардори ШК ва КМ МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Нажмидинов М.М.